«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
________________ Саттторзода Б.А.
«_30_» ________________ 2025 сол

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол (кор ва хизматрасонӣ) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод таҳқиқоти илмии анҷомёфтае мебошад, ки аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносии тоҷик, танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол (кор ва хизматрасонӣ) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, муҳтавои он ба шиносномаи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи кори илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол (кор ва хизматрасонӣ) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» анҷом дода шудааст.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешаванд. Қобили тазаккур аст, ки диссертант дар ҳалли як зумра масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ,

ки марбут ба падидаи баррасишаванда мебошанд, ба муваффақият ноил гардида, ҳамзамон, андешаҳои илмиеро коркард намудааст, ки онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва такмили қонунгузории соҳибкорӣ метавонанд саҳми назаррасро гузоранд. Аз ин рӯ, муҳаққиқ дар интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба иштибоҳ роҳ надода, балки мавзуи интихобнамудаи ӯ саривақтӣ ва мубрам ба ҳисоб меравад.

Рушди иқтисоди бозорӣ имрӯз ба яке аз самтҳои калидии иқтисоди ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Афзоиши пайвастаи фаъолияти соҳибкорӣ нишон медиҳад, ки ин соҳа на танҳо манбаи даромади молиявӣ, балки василаи густариши робитаҳои байнидавлатӣ, тақвияти рақобат ва муаррифии арзишҳои иқтисодӣ мебошад. Тоҷикистон бо доро будани захираҳои табиӣ, потенсиали иқтисодӣ ва имкониятҳои гуногуни соҳибкорӣ метавонад дар ин раванд ҷойгоҳи муҳимро ишғол намояд.

Мусаллам аст, ки дар паёмҳои Пешвои муаззами миллат низ ба ин масъала таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода мешавад. Аз ҷумла, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ аз 15 январи соли 2014 афзалияти рушди рақобатро ҳамчун яке аз самтҳои муҳими сиёсати иқтисодии кишвар таъкид намуда, ба зарурати маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ ва тақвияти соҳибкории солим ишора карданд. Афзоиши назарраси шумораи субъектҳои хоҷагӣ дар солҳои охир шаҳодат медиҳад, ки Тоҷикистон тадриҷан ба макони ҷолиби соҳибкорӣ барои шаҳрвандони даҳҳо кишвари ҷаҳон табдил ёфтааст.

Бо вуҷуди ин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки имкониятҳои мавҷуда пурра истифода намешаванд. Монеаҳои ҳуқуқӣ, норасоии танзими равшани созишномаҳои инҳисорӣ, инчунин заъфи механизмҳои ҳимояи рақобат то ҳол мушкилоти ҷиддӣ боқӣ мондаанд. Ин ҳолат боиси пайдоиши баҳсҳои иқтисодиву ҳуқуқӣ мегарданд ва эътимоди сармоягузорони хориҷиро коҳиш медиҳад. Ҳамин аст, ки зарурати таҳқиқоти илмӣ-амалӣ дар самти такмили қонунгузории соҳаи зиддиинҳисорӣ, мутобиқсозии он ба стандартҳои байналмилалӣ ва истифодаи самараноки таҷрибаи кишварҳои муваффақ пеш меояд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» ва “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” заминаи ҳуқуқиро фароҳам овардаанд. Бо вуҷуди ин, самаранокии татбиқи онҳо ниёз ба таҳлили амиқ, тавсияҳои илмӣ ва ҳалли мушкилоти амалиро талаб мекунанд. Ба ҳамин хотир, таҳқиқоти мазкур на танҳо аҳамияти назариявӣ дорад,

балки метавонад ҳамчун дастури амалӣ барои такмили қонунгузорӣ, рушди инфрасохтор ва боло бурдани рақобатпазирии Тоҷикистон дар бозори ҷаҳонии соҳибкорӣ хизмат намояд.

Ба муаллиф муяссар гардидааст, ки дар доираи таҳқиқоти гузаронидашуда мафҳум ва намудҳои фаъолияти инҳисориро мавриди омузиш ва таҳлил қарор дода, онро дар қонунгузории миллӣ, хориҷӣ ва байналмилалӣ таҳлил намояд.

**Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудааст.** Дараҷаи асоснокии илмӣ, хулосаю пешниҳодҳои диссертатсия дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол (кор ва хизматрасонӣ) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» арзишманд буда, натиҷаҳои он аз таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории соҳибкорӣ, маданӣ, иқтисодӣ ва адабиёти илмӣ бармеоянд. Дар кори мазкур, бо истифода аз методҳои диалектикӣ, мантиқию забоншиносӣ, оморӣ, расмию ҳуқуқӣ, муқоисавии ҳуқуқӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ хусусиятҳои назариявӣ ва амалии муносибатҳои ҳуқуқии соҳаи зиддиинҳисорӣ баррасӣ шуда, масъалаҳои муҳимми ҳуқуқӣ-маданӣ ошкор ва таҳқиқ гардидаанд.

Дар диссертатсия бори аввал таҳқиқоти мукаммали илмӣ оид ба масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муносибатҳои зиддиинҳисорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шуда, хусусиятҳои асосии ин муносибатҳо дар асоси таҳлили қонунгузории соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи ҳуқуқии кишварҳои хориҷӣ ва санадҳои байналмилалӣ омухта шудаанд.

Муаллиф бо далелҳои илмӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод намудааст, ки зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» ва дигар санадҳои марбута ба миён омадааст. Хусусан, пешниҳод шудааст, ки мафҳумҳои калидӣ ва истилоҳоти ҳуқуқие, ки дар қонунгузории зиддиинҳисорӣ истифода мешаванд, дақиқ гардонида шуда, механизмҳои амалисозии маҳдудкунии инҳисорӣ ва ҳимояи рақобат равшантар муайян карда шаванд. Ҳамзамон, дар кори мазкур пешниҳодҳои мушаххас барои такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти муомилоти зиддиинҳисорӣ ва муайян намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳои ин муносибатҳо асоснок ва пешниҳод гардидаанд.

Хулосаю пешниҳодҳои муаллиф бо таҳлили илмӣ ва маводи кофии амалии ҷамъшуда асоснок гардида, метавонанд боиси баланд бардоштани самаранокии қонунгузории соҳаи зиддиинҳисорӣ, ҳифзи

рақобат ва афзоиши соҳаи мазкур дар Тоҷикистон барои соҳибкорон ва сармоягузорони хориҷӣ гарданд. Аз ин рӯ, натиҷаҳои кори мазкур ҳам барои илм ва ҳам барои амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ аҳаммияти муҳим доранд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашудаи муаллиф аз он шаҳодат медиҳанд, ки таҳқиқот ба омӯзиши ҳамаҷонибаи назариявию амалии танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол (кор ва хизматрасонӣ), таҳлили хулосаҳои бадастомада, пешниҳодҳо ва хулосаҳои илман асосноккардашуда дар рисола дарҷгардида, ба навоварии илмии танзими ҳуқуқии зиддиинҳисорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд аст.

Хулоса кардан мумкин аст, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф кӯшиш намудааст, то нуқтаи назари худро баён сохта, лаҳзаҳои баҳснокро ҷудо намуда, таваҷҷуҳро ба ақидаҳои нав ҷалб карда, фаҳмиши худро дар бораи масъалаҳои ҳуқуқӣ, ки дар ин самт ба миён меоянд, пешкаш созад.

Ҳамзамон, мақсади таҳқиқоти гузаронидаи муаллиф ин омузиши ҳамаҷониба ва маҷмуии масъалаҳои танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба он мушкилоти танзими ҳуқуқии масъалаи баррасишаванда, муайян намудани мафҳумҳои асосӣ ва омилҳои махсуси моҳияти он, таҳлили мафҳум ва намудҳои аҳдҳои иқтисодӣ дар соҳаи зиддиинҳисорӣ, инчунин омузиши созишномаҳои рақобатӣ ҳамчун намудҳои гуногуни аҳдҳои иқтисодӣ дар соҳаи зиддиинҳисорӣ, ки барои татбиқ кардан дар амалияи қонунгузории ватанӣ имконпазиранд, мақсади таҳқиқоти мазкурро ташкил медиҳанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Тадқиқоти мазкур, ки ба омузиши масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ бахшида шудааст, дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Муаллиф бо таҳлили амиқи қонунгузории миллӣ, таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ва санадҳои байналмилалӣ як қатор хулосаҳои муҳимро пешниҳод намудааст, ки метавонанд ба такмили қонунгузории Тоҷикистон дар соҳаи зиддиинҳисорӣ мусоидат кунанд.

- Муаллиф дар кори мазкур мафҳуми фаъолияти инҳисорӣ ҳамчун як намуди фаъолияти соҳибкорӣ, ки робитаҳои иқтисодӣ ва рақобатиро

фаро мегирад, муайян кардааст. Муаллиф нишон додааст, ки барои истифодаи самараноки потенсиали кишвар зарур аст, ки мафҳум ва намудҳои фаъолияти инҳисорӣ (суиистифода аз мавқеъ, созишномаҳои мувофиқашуда, рақобати бевиҷдонона ва ғайра) дар қонунгузории миллӣ ба таври возеҳ ифода шаванд.

- Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқ муайян кардааст, ки норавшании меъёрҳои ҳуқуқӣ дар Кодекси мадании ҶТ ва Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» боиси баҳсҳои ҳуқуқӣ ва паст шудани рақобати солим мегарданд. Муаллиф пешниҳод намудааст, ки фарқиятҳои ҳуқуқии байни намудҳои фаъолияти инҳисорӣ дар қонунгузорӣ дақиқ карда шаванд ва меъёрҳои мушаххас оид ба масъулият ва ҳимояи рақобат ворид карда шаванд.

- Дар тадқиқот зарурати мутобиқсозии қонунгузории миллӣ бо меъёрҳои байналмилалӣ, аз ҷумла таҷрибаи Иттиҳоди Аврупо ва Федератсияи Россияро асоснок намудааст. Муаллиф ба зарурати ҷорӣ кардани механизмҳои арбитражӣ ва таъсиси марказҳои ҳимояи рақобат ишора кардааст, ки метавонанд шаффофияти муносибатҳои бозориро таъмин ва ҷаззобияти Тоҷикистонро дар бозори ҷаҳонӣ афзоиш диҳанд.

- Кор бо пешниҳоди тавсияҳои мушаххас барои қабули санадҳои махсуси меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи зиддиинҳисорӣ анҷом ёфтааст, ки онҳо ба танзими аҳдҳои иқтисодӣ, баланд бардоштани сифати рақобат ва ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон нигаронида шудаанд.

Ҳамин тавр, хулоса кардан мумкин аст, ки натиҷаҳои илмии диссертатсия на танҳо барои назарияи ҳуқуқи маданӣ, балки барои амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ низ арзиши баланд доранд. Онҳо метавонанд ҳамчун заминаи илмӣ барои такмили қонунгузории миллӣ, рушди инфрасохтори соҳибкорӣ ва таҳкими мавқеи Тоҷикистон дар бозори ҷаҳонии зиддиинҳисорӣ хизмат намоянд.

**Бо мақсади исботи навиштаҷоти болозикр метавон ба чанде аз натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ишора намуд, ки дар асоси онҳо довталаб Пӯлодзода Ш.П. арзандаи дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мебошад:**

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Асоснок карда мешавад, ки инҳисор фаъолияти субъектҳои хоҷагиест, ки дар бозори муайяни мол ё хизматрасонӣ мавқеи ҳукумфармоӣ дошта, ба ворид шудани дигар субъектҳо ба бозор монеъ мешаванд. Фаъолияти инҳисорӣ метавонад дар шаклҳои суиистифода аз мавқеи ҳукумфармоӣ, бастани созишномаҳо ва амалҳои мувофиқашуда,

ки рақобатро маҳдуд мекунанд, зоҳир гардад. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли суиистифода аз мавқеи ҳукумфармоӣ мавҷуд нест. Мавқеи ҳукумфармоӣ дар бозор ба ҳолате дахл дорад, ки як субъекти хоҷагидор дар бозори маҳсулоти мушаххас мавқеи бартарӣ дошта, ба иштирокчиёни нави хоҷагидор имкони вуруд ба ин бозорро маҳдуд мекунад ё комилан пешгирӣ менамояд. Муҳаққиқ чунин мешуморад, ки ин холигӣ бояд бо роҳи ворид кардани таърифи дақиқи мавқеи ҳукумфармоӣ дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» бартараф карда шавад, ки ин имкон медиҳад, то заминаи ҳуқуқӣ мустаҳкам, шаффофияти танзим баланд ва муқобилаи босамар бо амалияҳои инҳисорӣ таъмин гардида, бо ин роҳ манфиатҳои истеъмолкунандагон ҳифз ва ба рушди муҳити одилонаи бозорӣ мусоидат карда шавад.

2. Таъкид мегардад, ки гурӯҳи шахсон як субъекти ягонаи хоҷагиро ташкил медиҳанд, ки аз маҷмуи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие иборат аст, ки бо робитаҳои молумулкӣ, ташкилӣ ё хешовандӣ пайвастанд. Чунин вазъият заминаи ҳуқуқии фаъолиятро фароҳам оварда, робитаҳои мутақобила байни иштирокчиёнро муқаррар мекунад ва имкон медиҳад, ки амалҳои баъзе аз ин шахсон нисбат ба дигарон пешакӣ муайян ё замина барои чунин муайянсозӣ таъмин гардад.

3. Таҳаввули заминаи меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ҳифзи муҳити рақобатпазир ва пешгирӣ аз амалияҳои инҳисорӣ нигаронида шудааст, ба якчанд марҳилаи муҳими таърихӣ тақсим карда мешавад, ки ҳар яке саҳми назаррас дар ташаккули низоми муосири танзим доранд:

а. Марҳилаи ибтидоии ташаккул ва рушди меъёрҳои ҳуқуқие, ки рақобат ва муқобила бо тамоюлҳои инҳисориро танзим мекунанд, аз соли 1991 то соли 1994-ро дар бар мегирад. Дар ин давра, қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ» аз соли 1993 заминаи асосиро барои сиёсати зиддиинҳисорӣ гузошт ва қадами аввал ба сӯи эҷоди шароит барои рақобати одилонаи бозорӣ буд.

б. Марҳилаи дуюм, ки бо таҳияи чаҳорчӯбаи асосии қонунгузории ҳифзи рақобат ва маҳдудкунии амалияҳои инҳисорӣ тавсиф мешавад, аз замони қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1994 то соли 2007 идома ёфт. Дар ин давра, якчанд санадҳои муҳими меъёрӣ, аз ҷумла Қонуни ҶТ «Дар бораи инҳисороти табиӣ» аз 5 марти соли 2007, Қонуни ҶТ «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ» аз 9 ноябри соли 2000 ва Қонуни ҶТ «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии

фаъолияти инҳисорӣ» аз 28 июли соли 2006 қабул шуданд, ки дар маҷмуъ заминаи ҳуқуқии бештар сохторбандшударо барои ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон ва соҳибкорон ташкил доданд.

в. Марҳилаи сеюм, ки аз қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» аз 18 майи соли 2017 оғоз шуда, то имрӯз идома дорад, талош барои муосирсозии танзими зиддиинҳисорӣ, баланд бардоштани самаранокии татбиқи ҳуқуқ ва мутобиқсозии қонунгузорӣ ба воқеияти муосири иқтисодиро инъикос мекунад, ки ба эҷоди муҳити устувор ва одилонаи бозорӣ мусоидат намуда, рушди иқтисодӣ ва ҳифзи ҳуқуқи иштирокчиёни бозорро дастгирӣ мекунад.

4. Мавқеи ҳукумфармоии субъекти хоҷагидор дар бозорро аз ду дидгоҳи мухталиф – маҳдуд ва васеъ – баррасӣ кардан мумкин аст. Дар маънои маҳдуд, ин ҳиссаи мавҷудияти субъекти хоҷагидор дар бозор аст, ки аз сатҳи муқарраршудаи қонунгузорӣ зиёд мебошад. Дар маънои васеъ, мавқеи ҳукумфармоӣ аз ҷониби мақомоти судӣ бо дарназардошти имкониятҳои афзалиятноки субъекти хоҷагидор барои таъсир ба вазъи бозор муайян карда мешавад.

Нишонаи асосии мавқеи ҳукумфармоӣ дар бозори маҳсулоти мушаххас, хизматрасонӣ ё корҳо ҳолате аст, ки субъекти хоҷагидор ҳиссаи назарраси бозорро ишғол карда, ин мавқеъ аз ҷониби мақомоти зиддиинҳисорӣ расман ҳамчун ҳукумфармоӣ эътироф шудааст, ки ин ба ӯ имкон медиҳад ба муҳити рақобатпазир таъсири ҷиддӣ расонад. Ин зарурати назорати қатъии мақомоти танзимкунандаро барои ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон ва нигоҳдории рушди одилонаи бозор таъкид мекунад.

5. Ҳадафи қонунгузории зиддиинҳисорӣ манъи ҳама гуна созишномаҳо нест, балки танҳо онҳое мебошанд, ки рақобатро маҳдуд мекунанд. Шакли хатарноктарини созишномаи зиддирақобатӣ картел мебошад. Таҳлили ин меъёр имкон медиҳад, то хулоса карда шавад, ки иштирокчиёни картел танҳо субъектҳое буда метавонанд, ки бо ҳам рақобат мекунанд. Мушаххас карда мешавад, ки таърифи мафҳумҳои "картел" ва созишномаҳои уфуқӣ, ки дар банди 22-юми м. 2-и Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» оварда шудаанд, аз лиҳози мундариҷа хеле фаррох буда, имкони бастани созишномаҳои уфуқӣ байни субъектҳое, ки рақиби якдигар нестанд, фароҳам меорад. Дар ин робита, зарур аст, ки ин таъриф бознигарӣ ва мушаххас карда шавад, то бо консепсияи картел, ки дар моддаи 7-и қонуни мазкур оварда шудааст, мутобиқ гардад ва шаффофият ва якхелагии танзими ҳуқуқӣ таъмин шавад. Ба андешаи

муҳаққиқ, картел бояд ҳамчун созишнома байни субъектҳои хоҷагидори рақиб, яъне байни онҳое, ки дар як бозори маҳсулот фурӯшандаанд ё дар ҳамон бозор харидор мебошанд, баррасӣ шавад, ки ин зарурати назорати қатъии чунин созишномаҳоро барои ҳифзи рақобати одилона ва пешгирӣ аз зарар ба истеъмолкунандагон ва иқтисодиёт таъкид мекунад.

6. Асоснок карда мешавад, ки барои рушди рақобат ва пешгирӣ аз маҳдудсозии фаъолияти инҳисорӣ азнавташкилдиҳии маҷбурии субъекти дорои мавқеи ҳукмфармоӣ зарур аст. Чунин азнавташкилдиҳӣ бояд тариқи тартиби судӣ анҷом дода шавад. Омили асосии тақсимоти маҷбурӣ, ба ақидаи муаллиф, набудани вобастагии молумулкии субъектҳои тақсимшаванда, набудани робитаҳои технологӣ байни воҳидҳои сохтории субъектҳои хоҷагидор ва имконияти фаъолияти мустақилонаи шахси ҳуқуқӣ дар бозори моли муайян дар натиҷаи азнавташкилдиҳӣ мебошад. Пешниҳод карда мешавад, ки мафҳуми азнавташкилдиҳии маҷбурӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

**Пешниҳодҳои хусусияти амалидошта:**

Бо мақсади такмили низоми танзими зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба пешгирӣ аз амалияҳои инҳисорӣ дар бозорҳои мол (кор ва хизматрасонӣ) нигаронида шудааст, пешниҳод мегардад, ки моддаи 27-и Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» бо таърифи дақиқи мафҳуми «азнавташкилдиҳии маҷбурии ташкилоти тиҷоратӣ» дар шакли зерин пурра карда шавад: «Азнавташкилдиҳии маҷбурии ташкилоти тиҷоратӣ тартиби ҳуқуқиест, ки бо ҳадафи мусоидат ба рушди рақобати солим ва шаффоф дар асоси қарори суд оид ба тақсим ё ҷудо кардани шахси ҳуқуқие, ки мавқеи ҳукмфармоӣ дар бозор дорад, дар ҳолати такроран анҷом додани амалҳои инҳисорӣ амалӣ мегардад, ки ба барқарорсозии муҳити одилонаи бозорӣ ва ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон мусоидат мекунад».

Илова бар ин, пешниҳод карда мешавад, ки дар банди 18-уми м.2 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат», ки ба таърифи ҳуқуқии мафҳуми «рақобати бевиҷдонона» бахшида шудааст, пас аз ибораи «хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ибораи «мухолиф ба принсипҳои ахлоқ ва баробарӣ» илова карда шавад, то дақиқтар, пурра ва аз ҷиҳати ахлоқӣ асоснок гардад. Бо ин роҳ заминаи ҳуқуқии муқобила бо амалияҳои бевиҷдонона мустаҳкам ва ҳифзи боэътимоди манфиатҳои иштирокчиёни бозор таъмин карда шавад.

Пешниҳод мегардад, ки ба м. 2-и Қонуни ҶТ«Дар бораи ҳимояи рақобат» иловаи зерин ворид карда шавад: «Мавқеи ҳукумфармоӣ – ин суиистифода аз рафтори яктарафаест, ки бо истифода аз имкониятҳои афзалиятнок дар бозор муҳити ракобатиро маҳдуд месозад ва ба манфиатҳои дигар субъектҳои хоҷагидор зарар мерасонад».

Ҳамин тавр, диссертатсия дорои арзиши баланди илмӣ ва амалӣ буда, метавонад ҳамчун дастури муҳим барои мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор дар рушди соҳаи зиддиинҳисорӣ истифода гардад.

**Бояд қайд намуд, ки дар баробари муваффақиятҳои ишорашуда, инчунин, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд ва онҳоро ба таври зайл метавон иброз намуд:**

1. Дар боби 1 ва 2, муаллиф қонунгузории Тоҷикистонро оид ба маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ (аз ҷумла суиистифода аз мавқеи ҳукумфармоӣ ва созишномаҳои мувофиқашуда) таҳлил намудааст, аммо муқоиса бо стандартҳои байналмилалӣ (масалан, қонунҳои зиддиинҳисории Иттиҳоди Аврупо ё ИМА) ва таҷрибаи кишварҳои Осиёи Марказӣ (ба монанди Қазоқистон ё Ӯзбекистон) ба таври кофӣ амиқ ва муфассал нест. Ин норасоӣ боиси он мегардад, ки пешниҳодҳои такмили қонунгузорӣ бештар ба асосҳои назариявӣ такя карда, аз таҷрибаи амалии кишварҳои мутараққӣ кам истифода мебарад, ки метавонад арзиши амалии таҳқиқотро маҳдуд кунад.

2. Дар қисми амалии диссертатсия (масалан, дар зербобҳои 2.3 ва 3.1 оид ба рақобати бевиҷдонона ва азнавташкилдиҳии субъектҳои хоҷагӣ), муаллиф ба таҳлили назариявӣ ва далелҳои умумӣ такя мекунад, аммо шумораи мисолҳои мушаххас аз амалияи ҳуқуқии Тоҷикистон кам аст. Ин ҳолат боиси он мегардад, ки баъзе хулосаҳо ва тавсияҳо бештар абстрактӣ мемонанд ва ба мушкилоти воқеии бозори Тоҷикистон пурра мутобиқ намешаванд.

3. Дар боби 3 (саҳифаҳои 144-165), муаллиф ба чораҳои маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ, аз ҷумла азнавташкилдиҳии субъектҳои хоҷагӣ ва танзими фаъолияти шахсони бонуфуз, ишора мекунад. Бо вуҷуди ин, таҳлили мушаххаси амалияи судии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба татбиқи ин чораҳо, аз қабили қарорҳои Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё парвандаҳои судии марбут ба баҳсҳои инҳисорӣ (ба ғайр аз ду парвандаи дар рӯйхати адабиёт зикршуда, саҳифаҳои 177-194), ба таври кофӣ пешниҳод нашудааст. Барои такмили ин қисмат, муаллиф метавонист

мисолҳои бештари парвандаҳои судӣ ё қарорҳои маъмуриро аз амалияи ватанӣ таҳлил намуда, камбудиҳои мушаххаси татбиқи қонунгузориро ошкор созад ва роҳҳои ҳалли онҳоро пешниҳод кунад.

Эродҳои дар боло зикр гардида, дар умум, хислати мусбӣ дошта, барои таҳқиқоти минбаъдаи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд ва танҳо шаҳодати он мебошад, ки масъалаҳои баррасишаванда на танҳо хеле муҳим ва арзишманд буда, балки барои илми ҳуқуқшиносӣ навгонии назаррас мебошад ва муаллиф дар ҳалли аксарияти масъалаҳо дар натиҷаи омузиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиётҳои илмӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари мустақилонаи худро пешниҳод намудаст, ки ин хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расонидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Дар муқаддимаи кори мазкур аҳаммияти илмӣ ва амалии мавзуъ ба таври мушаххас асоснок гардида, сатҳи таҳқиқоти мавзуъ дар адабиёти илмӣ арзёбӣ шудааст. Дар баробари ин, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объект ва мавзуи асосии он муайян гардида, асосҳои назариявӣ ва методологии он дақиқ карда шудаанд. Инчунин, заминаҳои эмпирикии таҳқиқот ва унсурҳои навгонии илмии мавзуи таҳқиқшуда ба таври мушаххас нишон дода шудаанд. Нақша ва сохтори диссертатсия тавре таҳия шудаанд, ки маҷмуи масъалаҳои муҳим ва заруриро барои ҳалли мавзуи таҳқиқшаванда дар бар мегиранд.

Сохтори рисолаи илмӣ бо назардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 202 саҳифаро дар бар мегирад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 12 мақолаи илмии мазмуни проблемаҳои баррасишавандаро ифодакунанда нашр кардааст, 7 тои он дар маҷаллаҳои илмии Комиссияи олии тақризшавандаи аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавои диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмуну моҳияти

мукаддима, бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

Диссертатсия ба шиносномаи илмии ихтисос, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, ба ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқат мекунад.

Ҳаҷми диссертатсияи Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шуданд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамояд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мутобиқ мебошад.

Тақриз дар асоси муқарраротии мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ – назариявии кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Дар семинар иштирок доштанд 11 нафар: Тарафдор – 11 нафар, муқобил – бетараф нест. Протоколи семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти № 4 аз 24-уми октябри соли 2025.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Бобозода Ҷ.Қ., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон омода карда шуда,

дар ҷаласаи кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар маҷлис иштирок доштанд 11 нафар: тарафдор – 11 нафар, муқобил – бетараф нест. Протоколи кафедра таҳти № 4 аз 27 -уми октябри соли 2025.

**Раиси семинари илмӣ-назариявӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ
ва молиявии Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон Табаров Н.А.

**Ташхисгар:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ
ва молиявии Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон Бобозода Ҷ.Қ.

**Котиби ҷаласа:**
муаллими калони кафедраи ҳуқуқи
иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Дустов С.А.

«Имзои Табаров Н.А., Бобозода Ҷ.Қ.
ва Дустов С.А. -ро тасдиқ мекунам»:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон Мирҷамолов М.А.
27.10.2025

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14 Тел.: (992) 231-08-43. E.mail: jamrod@mail.ru